# Тақриз

**ба автореферати Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Дӯстии ду халқи бузурги бо ҳам наздику бародар аз ҷиҳати зисту зиндагонӣ, фарҳанг, адабиёт, санъат, дину оин ва оламм руҳӣ дорои таърихи хеле қадима дошта, дар захираи асосии луғавии онҳо низ мушоҳида мешавад.

Воқеан, дӯстию рафоқат, зиндагии якҷояи мусолиҳатомӯзи ду миллат боис шудаанд, ки дар навиштаҳои хеш аз ифодаҳои забони якдигар истифода бибаранд. Таъсири мутақобиларо дар забони тоҷикиву ӯзбекӣ барало мушоҳида кардан мумкин. Лозим ба ёдоварист, ки таҳлили муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ масъалаи муҳим дар бахши забоншиносии муқоисавӣ мебошад. Ба ин маънӣ, диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” пажӯҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзӯъро бар мабнои усули муқоиса мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст.

Муаллиф диссертатсияро аз мубрамияти мавзӯъ ва то ҳол ба таври муқоисавӣ таҳқиқ нагардидани вожаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки дар забоншиносии тоҷик гарчанде ба масъалаи таҳқиқ ва таҳлили калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ таваҷҷӯҳ шуда бошад ҳам, вале баръакс вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар забонҳои дигар, ба хусус дар забони ӯзбекӣ ҳанӯз аз назари муҳаққиқон берун мондааст. Диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор”, ки маҳз ҳамин қисмати илмиро комил мекунад.

Саҳми шахсии муҳаққиқ Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар он зоҳир мешавад, ки мавзӯи мазкурро бори нахуст дар забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор дода, корбурди вожагони иқтибосии тоҷикиро дар асоси асарҳои нависанда Абдулло Қаҳҳор ошкор кардааст.

Навгонии таҳқиқоти мавриди назар, пеш аз ҳама, дар ин зоҳир мешавад, ки гарчанд таҳқиқоти зиёде оид ба калимаҳои иқтибосии забони ӯзбекӣ аз тарафи забоншиносон, муҳаққиқон, умуман, аҳли қалам дар диссертатсияҳои хеш фикру андешаҳои худро баён карда бошанд ҳам, вале, то имрӯз хусусиятҳои лугавӣ ва грамматикии вожаҳои иқтибосии тоҷикӣ ва нақши он

дар осори адибони ӯзбек мавриди таҳқику омӯзиши ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар диссертатсияи хеш бори нахуст хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикии забони осори Абдулло Қаҳҳорро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар диссертатсия нақши пешванду пасванд дар сохтани калимаҳо, қолабҳои нави калимасозӣ муайян карда шудааст. Муҳаққиқ қолабҳои нави калимаҳои сохта ва мураккабро пешниҳод кардааст, ки ба ҳалли масъалаи калимасозии забони тоҷикиву ӯзбекӣ ҳиссаи муайян хоҳад гузошт. Дигар ин ки, дар диссертатсия хусусиятҳои овозӣ ва маъноӣ калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ муайян шудааст. Аз ин лиҳоз, мавзӯи интихобшуда муҳим буда, қобили дастгирист.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

**Дар мукаддимаи** диссертатсия мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқ, мавод ва усули таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, масоили ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода мешавад, ки ба талаботи ҳамин гуна корҳо пурра ҷавобгӯ аст.

Бобҳои диссертатсия ба масоили назариявию амалии хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, дар **боби якум** "Мутобиқшавии савтӣ ва дараҷаи истеъмоли калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор", ки аз ду фасл: "Мутобиқшавии савтӣ ва хусусиятҳои онҳо" ва "Таснифи калимаҳои тоҷикӣ аз рӯи дараҷаи истеъмол" иборат аст, ки дар бораи мутобиқшавии савтии вожагони иқтибосии тоҷикӣ ва ичунин дараҷаи истеъмоли калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ дар мисоли забони осори Абдулло Қаҳҳор мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дуруст аст, ки иқтибосшавии калимаҳо дар забонҳои гуногуни дунё ҳамчун як падидаи муқаррарӣ ва табиӣ ба назар мерасад, вале онҳо бо кадом роҳу восита ворид мегарданд ва дар забони дигар кадом мавқеъ ва ҷойгоҳро пайдо менамоянд, ин масъалаест, ки пайваста дар зери таваҷҷуҳи забоншиносон қарор дорад. Дар ин раванд масъалаи тағйироту дигаргуниҳои савтӣ мавқеи асосӣ дорад. Бо назардошти ин масъала муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар диссертатсия доир ба хусусиятҳои савтиётии калимаҳо ва мафҳумҳои иқтибосшудаи забони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ дар мисоли осори нависандаи ӯзбекзабон Абдулло Қаҳҳор таҳқиқот анҷом диҳад.

**Боби дуюми диссертатсия** "Таҳлили луғавию маъноии калимаҳои тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор" унвон гирифта, ба таҳқиқу баррасии хусусиятҳои луғавию маъноии вожагони иқтибосии тоҷикӣ бахшида шудааст.

**Фасли аввали боби дуюми диссертатсия** тахти унвони “Иқтибоси калимаҳои тоҷикӣ ба маъноҳои гуногун дар забони ӯзбекӣ” ба масоили зерин бахшида шудааст.

1. Баррасии калимаҳои иқтибосие, ки сурати овӣ ва навишти онҳо бо калимаҳои ӯзбекӣ як буда, маъноҳои гуногун доранд;
2. Иқтибоси калимаҳои тоҷикӣ бо маъноҳои гуногунашон ба забони ӯзбекӣ;
3. Дигар шудани маънои калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Фасли дуюми боби дуюм**, ки “Муродифоти калимаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ” ном дорад, доир ба муродифҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ андешаҳои худро иброз намудааст.

**Боби сеюми диссертатсия** “Таҳлили сохтории калимаҳои тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” ном дорад ва фаслҳои он ба таҳқиқу баррасии сохтории вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ бахшида шудааст.

Ҳамин гуна робитаҳо боис мешавад, ки калимаҳои як халқ ба халқи дигар мегузараду фонди луғавии ҳамдигарро афзунтар мегардонад. Ин ҳодисот бешубҳа ба назари забоншиносон мавриди таҳриру таҳқиқ қарор мегирад. Дар диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ ба қалам гирифта шуда, аз нуқтаи назари забоншиносии типологӣ баррасӣ ва таҳқиқ намудааст. Муаллиф дар рафти таҳриру таҳқиқи кор таъкид менамояд, ки ин ду забон ба якдигар таъсиргузор буда, забони якдигарро боз ҳам такмилтар мегардонанд. Инчунин, дар шароити дӯстии бародарона ва боварии байниҳамдигарии халқҳо забонҳои миллӣ дар асоси баробарҳуқуқӣ ва бойгардонии якдигар инкишоф меёбад.

**Фасли аввали боби сеюм** “Калимаҳои сода” ном гирифта, онҳоро аз рӯйи ҳиссаҳои нутқ ба гурӯҳҳои мухталиф тақсим намудааст.

**Дар фасли дуюми боби сеюм** “Калимаҳои сохта” баррасӣ мешавад, ки диссертант дар забони ӯзбекӣ калимаҳои сохтае, ки номи касбу ҳунар, унвон, пайрави ягон таълимот ва аъзои ташкилоти ихтиёрӣ будани шахс, инчунин хусусиятҳои шахсро аз рӯйи ихтисос, машғулияташ ифода мекунанд, нисбатан қисми калони калимаҳои иқтибосии сохта ташкил доданашро таъкид менамояд.

Диссертант пешванду пасвандҳои тоҷикӣ, ки ҳамроҳ бо калимаҳои забони ӯзбекӣ омаданашро низ ишора кардааст.

“Калимаҳои мураккаб” **фасли сеюми боби сеюм** ба ҳисоб рафта, доир ба масоили зерин баҳс мекунад:

1. Калимасозии калимаҳои мураккаб маъмултарин навъи калимасозӣ буда, дар забони осори нависанда аз асосҳои баробарҳуқуқ бо роҳу воситаҳои гуногун сохта шуда ва маъниҳои мухталифро ифода кардааст, ки дар забони осори

нависанда ин усули калимасозӣ, асосан, дар сохтани исм, сифат ва дигар ҳиссаҳои нутқ маъмул аст;
2. Калимаҳои мураккабе, ки дар забони тоҷикӣ маъмул ва дар истеъмол фаъол мебошанд, айнан бо ҳамон шакл ба забони ӯзбекӣ иқтибос шудани онҳо;
3. Доир ба ҷараёни истифодабарии калимаҳои мураккаб дар забони ӯзбекӣ ҳатто калимаи иқтибосӣ будани онҳо маълум нагардиданаш;
4. Доир ба калимаҳои мураккаби иқтибосӣ ҳам дар услуби илмиву бадеӣ, ҳам дар услуби гуфтугӯӣ васеъ истифода бурда шуданаш;
5. Мушоҳидаҳо, таҳқиқот ва омӯзиши забони осори нависанда нишон медиҳанд, ки ин гуна калимаҳои мураккаб дар забони осори Абдулло Қаҳҳор ба таври фаровон ба кор бурда шудааст.

Мавзӯе, ки дар диссертатсия мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст, бешубҳа, муҳим буда, барои илми забоншиносии муосри тоҷику ӯзбек аҳамияти махсуси илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дошта, дар бахши забоншиносии типологӣ таҳқиқоти тоза ва мубрам маҳсуб мешавад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро карда, як кори пурра ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар автореферати мавриди тақриз дар радифи муҳассаноти фаровон баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо, ба пиндори инҷониб, боиси болоравии ҳусни таҳқиқот хоҳад гардид:
1. Баъзе масоили баррасишуда сатҳӣ ба назар мерасад.
2. Ба назари мо, хуб мешуд, ки хулосаи кор дар автореферат мукаммалтар мешуд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар умум, норасоиҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ ба аҳамияти илмии таҳқиқоти анҷомёфта халале ворид намесозанд, зеро аксари онҳо ислоҳшаванда буда, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) осори илмиву мақолаҳои дар ин замина ба табъ расонидаи докторант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд

Тавре ки аз феҳристи таълифоти муаллиф бармеояд, ӯ доир ба мавзӯи таҳқиқоти худ 8 номгӯйи мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ нашр намудааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Таҳқиқоти мавриди назар ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ

(дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** **Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич**

21.10.2020
Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17\6,
Тел.: (992) 988 135110
www.ddzt.tj
E-mail: zubaidullo@gmail.com

Имзои **Мусоямов Зубайдуллоро** тасдиқ менамоям
Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба
номи С. Улуғзода **Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович**